# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Искандарзода Манижа Раҳматуло дар мавзуи “Таърихи рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар Тоҷикистон (таҳлили системавӣ)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 5.1.1. Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология пешниҳод гардидааст.**

Бо истиқлолияти сиёсӣ ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон, илми ватанӣ низ онро соҳиб гардид ва дигар соҳаҳои илмӣ таҳқиқотҳои илмии хешро вобаста ба дастовардҳои даврони истиқлолият дар тафовут бо даврони шуравӣ ташкил ва баргузор намуданд. Илми психология низ аз ин гуфтаҳо дар истисно нест. Аммо, мавриди зикри хос аст, ки таърихи ташаккул ва рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар Тоҷикистон ҳанӯз ба таври кофӣ ва ба таври систематикӣ омӯхта нашудааст. Илми психология дар таърихнигории ватанӣ қисм-қисм, асосан, дар заминаи рушди илмҳои педагогӣ ва гуманитарӣ дар ҷумҳурӣ пешниҳод гардидааст ва ин гуфтаҳо далолаткунандаи рӯзмаррагии мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро мекунанд.

Муҳаққиқ дар рисолаи илмии хеш сараввал аз таълимот ва ғояҳои психологии мутафаккирони тоҷику форс оғоз намудааст, ки ин далолати эътироф ва арзиши баланд гузоштан ба ниёгонро дорад. Бо ибораи дигар, гарчанде рисолаи илмӣ рушди психологияи илмию амалиро дар даврони соҳибистиқлолӣ дар бар гирад ҳам, нақши назарраси таълимот ва ғояҳои психологии мутафаккирони тоҷику форс ёдовар гардидааст.

Диссертант ҷиҳати расидан ба мақсадҳои рисолаи илмиаш, ки дар муайян кардани хусусият ва марҳилаҳои рушди психологияи илмию амалӣ дар Тоҷикистон инъикос меёбад, як қатор вазифаҳоро дар наздаш гузошт ва ҳамзамон тавонист онро ҳал намояд, аз ҷумла: таҳлили маводҳои бойгонӣ, библиографӣ ва ҳуҷҷатӣ бо мақсади муайян кардани вазъи кунунии психологияи илмию амалӣ дар замони соҳибистиқлолӣ;

таҳия ва асоснок кардани даврабандии рушди психологияи илмию амалӣ дар Тоҷикистон; муайян кардани саҳми олимон ва муҳаққиқони ватанӣ дар рушди психологияи илмию амалӣ; таҳлили психологии фаъолияти психологҳои соҳаи академию амалӣ ва муайян намудани сифатҳои муҳимми касбии онҳо; таҳлили психологии шабакаҳои иҷтимоӣ ҷиҳати муайян намудани вазъи кунунӣ ва дурнамои фаъолияти касбии психологҳои соҳаи академию амалӣ; таҳияи тавсияҳо барои беҳтар кардани омодасозии мутахассисон, рушди таҳқиқоти илмӣ ва тақвияти нақши психология дар ҳаёти иҷтимоии Тоҷикистон; ташхиси қобилият ба эмпатия дар мутахассисон ва ғайримутаххассисон, ки бо фаъолияти психологияи илмию амалӣ машғул мебошанд.

Гузашта аз ин, диссертант Искандарзода М.Р. дар таҳқиқоти худ принсипу раҳёфтҳои методологиро вобаста ба раҳёфти таърихӣ-илмии омӯзиши генезис ва таҳаввули афкори психологии мутафаккирон дар Тоҷикистон; раҳёфти фарҳангӣ-таърихӣ имкон медиҳад, ки рушди психологияи илмию амалӣ дар Тоҷикистон дар робита бо хусусиятҳои фарҳанги миллӣ, забон, анъанаҳо ва муҳити этнофарҳангӣ дарк карда шавад; раҳёфти субъекти фаъолият; раҳёфти фаъолияти ҳаётӣ; раҳёфтҳои таҳлили психологии фаъолияти касбӣ: системавию субъективӣ мавриди таҳқиқ қарор дод.

Диссертант барои ба даст овардани натиҷаҳои боэътимод ду пурсишномаи психологиро ҷиҳати муайян намудани вазъи кунунӣ ва дурнамои фаъолияти касбии психологҳои соҳаи академию амалӣ таҳия намудааст.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои эътимодноки назариявӣ ва амалӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар 4 мақолаҳои дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи феҳристи пешниҳоднамудаи КОА - и назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи байналмилалию ҷумҳурӣ инъикос ёфтаанд.

Дар самти фаъолияти таълимиаш бошад, Искандарзода Манижа Раҳматуло хатмкардаи зинаи бакалавриати ихтисоси психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буда, баъди хатми ин зинаи таълим ба зинаи магистратураи ҳамин ихтисос дохил шуда, онро соли 2020 бомуваффақият хатм намуд. Ҳамзамон, аз соли 2020 то соли 2023 донишҷӯи шакли таҳсили ғоибонаи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ (маълумоти дуюм) буд ва онро низ ба итмом расонид. Искандарзода Манижа унвонҷӯи гурӯҳи буҷавии кафедраи психологияи факултети фалсафаи ДМТ мебошад.

Самти фаъолияти кории Искандарзода Манижа Раҳматуло аз соли 2018 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оғоз гардидааст. Айни замон, ба ҳайси мутахассиси шуъбаи робитаҳои байналмилалии ДМТ ва ҳамзамон, ассистенти кафедраи психологияи факултети фалсафаи ДМТ кору фаъолият намуда истодааст.

Дар давраи навиштани рисолаи илмӣ ва анҷом додани таҳқиқот, Искандарзода Манижа Раҳматуло худро ҳамчун муҳаққиқи мустақил ва таҳлилгари хуб нишон дода, ҳангоми иҷро намудани вазифаҳои дар наздаш гузошташуда масъулияти хоса ва қобилияти аналитикӣ нишон медод, ки дар омӯзиш ва таҳлили маводи илмӣ низ таъсиргузор мебошад.

Хулоса, диссертатсияи Искандарзода Манижа Раҳматуло дар мавзуи **“Таърихи рушди психологияи илмӣ ва амалӣ дар Тоҷикистон (таҳлили системавӣ)”**, ба талаботи Тартиби дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти

соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 5.1.1. Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология барои ҳимоя пешниҳод мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**

Доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи
ихтисоси психология, и.в. мудири кафедраи
психологияи факултети фалсафаи ДМТ Латифзода С.З.

**Маълумот барои тамос:**

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, маҳаллаи Буни ҳисорак, бинои 15.
Телефон: (+992) 88-000-83-84.
E-mail: Latifzoda_01@mail.ru

"Имзои С.З. Латифзодаро тасдиқ мекунам".
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
06. 01. 2026